# САМТҲОИ АЛОҲИДАИ СИЁСАТИ СИСТЕМАИ ЯГОНАИ ВОРИДКУНИИ ТИББИ ОИЛАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Н.Ф. Салимов**

**Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ташаккули тибби оилавӣ чун самти афзалиятноки фаъолияти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон шинохта шудааст ва суръатбахшӣ ба раванди воридсозии он яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи соҳаи тандурустӣ мебошад. Иҷрои вазифаҳои зикргардида, дар навбати худ, татбиқи самараноки ҳуҷҷатҳои стратегии миллии марбут ба ислоҳоти соҳаи тандурустиро таъмин менамояд.

Раванди воридкунии хадамоти тибби оилавӣ дар мамлакат ҳанӯз соли 1998, зимни фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 236, аз 26.06.1998 «Дар бораи гузариши марҳила ба марҳила ба расонидани ёрии аввалияи тиббӣ тариқи табиби амалияи умумӣ (табиби оилавӣ)» оғоз гардидааст. Яъне, моҳи июни соли равон ба дарҷи фармони мазкур 10 сол пур мешавад.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 6 июни соли 2005 «Дар бораи фаъолияти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Вазорати тандурустӣ вазифадор карда шудааст, ки рушди шабакаи ёрии аввалияи тиббию санитариро дар асоси принсипҳои тибби оилавӣ таъмин намояд. Дар Конфронси миллии ба мавзӯи «Тибби оилавӣ ва тандурустии инсон» бахшидашуда (моҳи декабри соли 2005, ш. Душанбе), ки дар он инчунин олимону мутахассисони соҳавии кишварҳои хориҷӣ ширкат варзида буданд, Модули ягонаи тибби оилавӣ дар Тоҷикистон қабул шуда буд.

Имрӯз вақти он расидааст, ки вазъи феълии соҳаи тибби оилавиро дар сатҳи ҷумҳурӣ таҳлил ва дастовардҳоро натиҷагирӣ карда, ҳадафҳои марҳилавии соҳаро муайян кунем.

Пеш аз ҳама, бояд зикр кард, ки дар самти тайёр кардан ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи тибби оилавӣ, (ҳам дар самти омӯзиши тодипломӣ ва ҳам дар самти баъдидипломӣ) дар заминаи кафедраҳои дахлдори таълимгоҳҳои олии тиббии ҷумҳурӣ натиҷаҳои мусбӣ ба чашм мерасанд. Дар натиҷаи ҳамкории самараноки Вазорати тандурустӣ, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон (ДДТТ) ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Маркази идораи Лоиҳаи ислоҳоти соҳаи тандурустӣ дар сохтори ДДТТ, кафедраи дуюми тибби оилавӣ таъсис ёфт, ки зимни дастгирии молиявии Лоиҳа бо васоити техникӣ таъмин гардида, алъон барқароркунии маскани он идома дорад. Дар давраи сипаришуда инчунин барои муассисаҳои ёрии аввалияи тиббию санитарӣ, ки дар асоси принсипҳои тибби оилавӣ фаъолият мекунанд, як зумра ҳуҷҷатҳои таълимию дастурӣ ва ҳисоботию бақайдгирӣ нашр гардиданд.

Дар воридкунии ҷузъҳои тибби оилавӣ ҳамкории самараноки Вазорати тандурустӣ бо саҳмгузорони байналхалқӣ қобили қайд аст. Таҳияи манбаъи (базаи) иттилоотии захираҳои кадрӣ, таҷдид ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии тибби оилавӣ, ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба таҳияи услубияти ягонаи маблағгузории сарикасӣ ва Стратегияи миллии беҳбудибахшӣ ба фаъолияти секторҳои госпиталӣ ва литсензиядиҳӣ, таҳияи сохтори мустақили аккредитатсияи муассисаҳои тандурустӣ, дигаргунсозии соҳаи назорати давлатӣ аз болои сифати дорувор, таъсиси маркази самарабахши харид ва тақсимоти маводи доруворӣ натиҷаи ҳамкории фаъоли тарафайн мебошанд.

Суръатбахшӣ ба рушди иқтисодии Тоҷикистон, ки барои расидан ба рушди инсонӣ ва иҷтимоӣ зарур аст, бевосита бо ислоҳоти сохторӣ, афзалиятнокии фаъолият ва тарзи маблағгузорӣ дар самтҳои кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ, таъминкунии аҳолӣ бо об,

беҳдошт ва ҳифзи муҳити зист вобаста аст. Самтҳои зикргардидаи рушди иқтисодӣ асоси таҳияи Барномаи амалии расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, Стратегияи пасткунии сатҳи камбизоатӣ ва рушди иқтисодӣ барои солҳои 2006-2008 мебошанд.

Бо мақсади риояи принсипи «имкониятҳои баробар барои ҳама» дар хизматрасонии тиббӣ талабот ба таҳияи системаи супориши давлатӣ ҳувайдо гардид, вале ҳангоми таҳияи он афзалият ба намудҳои хизматрасоние дода шуданд, ки нархи онҳо барои аксарияти аҳолӣ дастнорас мебошанд. Яъне, давлат бо мақсади таъмин кардани дастрасии аксарияти аҳолӣ ба хизматрасонии аввалияи тиббию санитарӣ саъю кӯшиш намуда, имкониятҳои худро ба шаклҳои хизматрасонии нархашон қиматтар бояд равона кунад. Дар ин ҷабҳа саҳми воситаҳои ғайрибуҷетӣ, худи бемор ва дигар манбаъҳо метавонанд истифода шаванд.

Барои баланд бардоштани самараи фаъолияти муассисаҳои ёрии аввалияи тиббию санитарӣ, аз он ҷумла шабакаи тибби оилавӣ, иҷрои вазифаҳое, ки аз принсипҳои асосии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ барои асри XXI (дастрасӣ, адолатнокӣ, ҷавобгӯӣ ба эҳтиёҷоти ҷомеа) бармеоянд, зарур мебошад. Маҷмӯи масъалаҳое, ки ҳаллу фасли онҳо барои таъмини рушди мақсадноки самарабахши тибби оилавӣ дар ҷумҳурӣ афзалиятноканд, чунин мебошад:

**1.<u>Банақшагирии стратегии сохторӣ</u>**, ки пешбинии шабакаи муассисаҳои тандурустӣ ва кормандони тибро (аз ҷумла мутахассисони тибби оилавиро), бо дарназардошти эҳтиёҷоти ҷомеа, ташаккулдиҳии сафи онҳо, кафолати бо ҷойи кор таъмин кардани хатмкардагони муассисаҳои таълимӣ, таъмини алоқамандии равандҳои литсензиядиҳӣ, аттестатсия, аккредитатсия ва баҳодиҳӣ ба сифати кӯмаки тиббиро дарбар мегирад. Танзими мукаммали фаъолияти идораи ҳамаи бахшҳои соҳаи тандурустӣ бояд мавҷуд бошад. Вазъи феълии соҳаи тандурустӣ раванди васеъшавии шабакаи бахши амбулаторӣ-поликлиникиро дарбар мегирад. Арзиши бахши госпиталӣ нисбатан қиматбаҳо мебошад, вале беморхонаҳо дар оянда низ дар ҳайати коркарди (индустрияи) хизматрасонии тиббӣ ҳамчун ҷузъи бузургтарин боқӣ хоҳанд монд. Эътибори бештар ба рушди бахшҳои дармонгоҳӣ (поликиникӣ) ва кӯмакрасонии оҷилии тиббӣ, ки имрӯз ба назар мерасаду падидаи мусбӣ аст, интихоб ва истифодаи тарзҳои кӯмаки тиббиеро, ки барои расонидани онҳо дар сатҳи муассисаҳои ёрии аввалияи тиббӣ имконият ҳаст, тақозо мекунад. Маҳз аз ҳамин лиҳоз рушди хадамоти тибби оилавӣ, ки ҷузъи асосии ёрии аввалияи тиббию санитарӣ аст, яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ мебошад.

**2.<u>Тағйир додани услуби сохторию функсионалии</u>** соҳаи тандурустӣ вобаста ба талаботи иқтисоди бозоргонӣ, ки аз бахшҳои зерин иборат аст: асосан аз ҷониби давлат дастгирӣ ёфтани соҳаи тандурустӣ, рушди суғуртаи тиббӣ ва тибби хусусӣ. Суғуртаи давлатӣ афзалиятноктар аст, зеро ин намуди дастгирӣ адолатноктар мебошад.

**3.<u>Афзоиши сармоягузорӣ</u>** ба равнақи илми тиб, иҷрои номгӯи васеи тадқиқотҳо бо истифода аз технологияҳои муосир, эътибори махсус додан ба тайёр кардани мутахассисони варзида, аз ҷумла мутахассисони тибби оилавӣ. Маҳз ҳамин масъала яке аз омилҳои баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ ва ҷавобгӯи талаботи беморон арзёбӣ мегардад.

**4.<u>Ҳуқуқбунёдии</u>** ҳамаи амалҳои бахшида ба рушди умуман соҳаи тандурустию илми тиб, аз он ҷумла тибби оилавӣ, масъалаи маъмултарини соҳаи тандурустии имрӯзаи ҷумҳурӣ мебошад. Вазорати тандурустӣ бо мақсади суръатбахшӣ ба воридсозии тибби оилавӣ ба таҳияи «Сиёсати ягонаи системаи воридкунии тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон» шурӯъ кард. Ҳуҷҷати мазкур бояд дар танзими мукаммали раванди воридсозии тибби оилавӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами соҳа нақш гузорад, таҳия ва қабули нақшаҳои мушаххаси чорабиниҳоро бо дарназардошти фикру ақидаи ашхоси маъмур, олимон, табибон, мутахассисон, аҳолӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ, ки ба раванди воридкунии тибби оилавӣ ҷалб шудаанд, саҳм гузорад.

Ҷиҳатҳои қонунии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти тибби оилавӣ чунинанд:

- Таҳияи аз ҷиҳати илмӣ асосноки методологияи ягонаи омодасозии ҳуҷҷатҳои қонунгузор, аз он ҷумла вобаста ба воридкунии тибби оилавӣ. Масалан, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тибби оилавӣ» ҳаллу фасли қонунии бисёр масъалаҳои мавҷударо таъмин мекунад, зеро дар он нақш ва мавқеи тибби оилавӣ дар системаи идораи давлатӣ муайян мешаванд, асосҳои инноватсия ва принсипҳои ҳамкорӣ ва ӯҳдадориҳои омилҳои асосии фаъолияти тиббӣ, бахусус тибби оилавӣ, сарчашмаҳои маблағгузорӣ муқаррар хоҳанд гардид.
- Татбиқи сиёсати устувори тақсимоти маводи молиявӣ аз буҷети тандурустӣ бо дарназардошти афзалиятнокии муассисаҳои ёрии аввалияи тиббию санитарӣ.
- Таҳия ва татбиқи Нақшаи миллии омӯзиши (бозомӯзии) суръатноки мутахассисони тибби оилавӣ, такмили таълими тибби оилавӣ бо мақсади мутаносиб гардонидани онҳо ба муқаррарот ва тавсияномаҳои байналхалқӣ оид ба тибби оилавӣ.
- Таҳия ва воридсозии Модели рушди шакли интегратсияи ёрии аввалияи тиббию санитарӣ, ки асоси онро табибони оилавӣ (табибони амали умумӣ) ва хоҳарони тибби оилавӣ ташкил медиҳанд, бо истифода аз гурӯҳҳои фаъолияташон бисёрсамти хадамоти тиббии сектори иҷтимоӣ, иштироки аҳолӣ, бештар ба ҳалли муаммоҳои тиби ҷамъиятӣ нигаронидани фаъолияти муассисаҳои ёрии аввалияи тиббию санитарӣ ва алоқамандии он бо амалиёти дигар сохторҳо.
- Таҳия ва татбиқи Стратегияи таълими бефосилаи мутахассисони тибби оилавӣ, ки аз нуқтаи назари эҳтиёҷоти аҳолӣ асоснок шудааст ва масъалаҳои беҳбудибашӣ ба таъиноти маводи дармонӣ ва истифодаи стандартҳои муолиҷаро дарбар мегирад.
- Марҳила ба марҳила гузаштани муассисаҳои ёрии аввалияи тиббию санитарӣ ба шакли нави расонидани хизматрасонии тиббӣ дар асоси модули тибби оилавӣ (гурӯҳи хадамоти тибби оилавӣ, гурӯҳи табибони оилавӣ, амбулаторияҳои тибби оилавӣ, марказҳои тибби оилавӣ).

Яке аз масъалаҳои муҳими расидан ба рушди устувор ва пешравии тибби оилавӣ такмили раванди таълим, яъне беҳтар кардани нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифати омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисони тибби оилавӣ мебошад. Бо мақсади мутамарказонидани танзими фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва ёрии аввалияи тиббию санитарӣ ҳам дар ҷабҳаи дурнамо ва ҳам дар ҳалли муаммоҳои амалиёти тибби умумӣ (оилавӣ) фаъол кардани кори Шӯрои танзимӣ (координатсионӣ) ва ба ӯ салоҳияти ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба рушди тибби оилавиро гузоштан аст, аз он ҷумла:

- Таъсис додани базаҳои клиникии иловагӣ дар заминаи яке аз муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои ҳамсоя барои тайёр кардан (тавассути ординатураи клиникӣ) ва бозомӯзии (дар заминаи муассисаҳои таълимӣ) мутахассисони тибби оилавӣ.
- Дар заминаи яке аз муассисаҳои таълимии тибби оилавӣ гузаронидани санҷиши (имтиҳони) сатҳи дониш ва малакаи ординатори клиникӣ ва мутахассисони тибби оилавии бозомӯзонидашуда.
- Дастгирии ҳаматарафаи воридсозии марҳила ба марҳилаи аккредитатсия,

сертификатсия ва литсензиякунии мутахассисон ва муассисаҳои тибби оилавӣ.

-Таҳияи барномаи ҳамкории Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вазоратҳои тандурустии кишварҳои мухталиф дар самти омӯзиши таҷриба дар соҳаи тибби оилавӣ (тавассути лоиҳаҳои инвеститсионӣ).

-Таҷдиди сохтории беморхонаҳои сатҳи дуюми кӯмакрасонии тиббӣ дар асоси нақшаҳои вилоятии ислоҳоти соҳа.

Яъне, татбиқи «Сиёсати системаи ягонаи воридкунии тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» рушди хадамоти тибби оилавиро, гузариши марҳила ба марҳиларо ба модулҳои пешқадами каммасрафи дар асоси принсипҳои тибби оилавӣ мукаммал шудаи ёрии аввалияи тиббию санитариро дар саросари кишвар ва дар натиҷа, афзоиши потенсиали солимии аҳолиро таъмин менамояд.

**Резюме**

**НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ПОЛИТИКИ ЕДИНОЙ СИСТЕМЫ ВНЕДРЕНИЯ СЕМЕЙНОЙ МЕДИЦИНЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

**Н.Ф. Салимов**

Семейная медицина признана приоритетным направлением деятельности Министерства здравоохранения Республики Таджикистан, и ускорение процессов её внедрения являются одной из первостепенных и безотлагательных задач, выполнение которых в свою очередь позволят эффективной реализации национальных стратегических документов по реформированию системы здравоохранения страны.

Процесс внедрение службы семейной медицины в стране началось ещё в 1998 году (Приказ Министерства здравоохранения Республики Таджикистан за №236 от 26 июня), которого принято считать «отсчётной точкой» таджикской семейной медицины. Статья посвящена 10 – летию процесса поэтапного внедрения службы семейной медицины в РТ.

Реализация данной политики обеспечивает развитие службы семейной медицины, поэтапному переходу к передовым малозатратным модулям в основе принципов семейной медицины, усовершенствование первичной медико-санитарной помощи в целом по стране, что, в конечном счёте, способствует повышению потенциала здоровья населения.

**Summary**

**SOME ASPECTS OF SINGLE SYSTEM POLITIK OF INTRODUCTION OF FAMILY MEDICINE AT REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**N.F. Salimov**

The article is dedicated 10-annuary of by stages introduction of family medicine at Republic of Tajikistan. Family medicine is acknowledged as priority direction of activity of the Department of Health Care of Republic of Tajikistan, and acceleration of introduction process is one of paramount tasks after realization of wich effective reforming of Health Care system of the Republic are conducted. The process began in 1998, that is starting point at family medicine of Tajikistan. Realization of the politik allowes the development of the service of family medicine, by stages transition to advanced small expended moduls based the principles of family medicine, improving first medical aid at the country, therefore raising the potencial of health of the population.